# Савганд ба зоте, ки ҷони Муҳаммад дар дасти Ӯст, ҳеҷ кас аз ин уммат, хоҳ яҳудӣ ва хоҳ насронӣ бошад, (хабари паёмбарии) манро шунавад, сипас бимирад ва ба он чи ман фиристода шудаам, имон наоварад, магар ин ки аз аҳли ҷаҳаннам хоҳад буд

Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) аз Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ривоят мекунад, ки фармуданд: "Савганд ба зоте, ки ҷони Муҳаммад дар дасти Ӯст, ҳеҷ кас аз ин уммат, хоҳ яҳудӣ ва хоҳ насронӣ бошад, (хабари паёмбарии) манро шунавад, сипас бимирад ва ба он чи ман фиристода шудаам, имон наоварад, магар ин ки аз аҳли ҷаҳаннам хоҳад буд."

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба Аллоҳ савганд мехӯрад, ки ҳар касе аз ин уммат - яҳудӣ бошад ё насронӣ ё аз дигарон -, ки даъвати Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба ӯ расид ва бидуни он ки ба Ӯ имон биёрад, аз дунё рафт, аз аҳли дӯзах хоҳад шуд ва ҷовидона дар он мемонад.



النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY

لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee